Қазақстан Республикасы
Білім және ғылым министрінің
2016 жылғы 8 сәуірдегі
№ 266 бұйрығына 17-қосымша

Қазақстан Республикасы
Білім және ғылым министрінің
2013 жылғы 3 сәуірдегі
№ 115 бұйрығына 191-қосымша

**Бастауыш білім беру деңгейінің 1 сыныбы үшін «Сауат ашу» пәні бойынша үлгілік оқу бағдарламасы (оқыту тәжік тілінде)**

## 1. Мактаби эзоҳӣ

1. Мувофиқи стандарти умумитаълимии давлатӣ, ки бо қарори тасдиқшудаи Ҷумҳурии Қазоқистон аз 23 августи соли 2012 №1080, барномаи музкур дар асоси принсипҳои инкишоф ва таълиму тарбия, давомоти муттасилӣ сохта шудааст.

2. Алифбо (саводомӯзӣ) дар таълими ибтидои заминаи муҳимтарини ташаккули шахсият ва таҳкурсии устувори минбаъдаи омӯзиш буда, ҳамчун баёнгари самти дастовардҳои мактабиёни хурдсол дар фаолияти ояндаи онҳо накши муҳим мебозад. Хурдсолон дар ин давра на танҳо хондан, навиштан балки бо ҳодисаҳои муҳиту атроф шинос мешаванд ва шавқу ҳаваси онҳо ба мактаб, таълим, муаллим ва китоб ҳамчун яке аз сарчашмаи маърифат меафзояд.

3. Мақсад:

1) дар давраи таълими алифбо хурдсолон бо овозҳои нутқ, таҳлили овозии калима;

2) овозҳои садонок ва ҳамсадо; таълими дурусти талаффузи овозҳо; нақшаи калима ҳиҷо ва ҷумлаҳо шинос мешаванд.

4. Ба қоидаҳои дуруст нишастан ва дуруст навиштан риоя карданро меомӯзанд. Хондану навиштанро ёд мегиранд. Дар давраи тайёрӣ – ташкил кардани ҷамоаи синф, дар онҳо мустаҳкам кардани муносибати дӯстӣ. Худдорӣ дар синф ва мактаб. Риоя намудан ба одобу ахлоқ. Тайёрӣ ба давраи навиштан: хонандагон ба навиштан руҳан тайёр кардан, шиносоӣ бо ашёҳои хониш, омӯзиши навиштан дар ҳаво, тарбияи психологӣ ба монанди дидан, тахмин кардан, муқоиса кардан, нигоҳ доштан дар хотир, диққат ва ирода, кашидани хатҳои рост, кач ва мавҷнок:

5. Вазифаҳои асосии омӯзиши Алифбо: ба бачагон хондан ва навиштанро ёд додан, барои бо муваффақият аз худ кунонидани имло шароити зарурирo ба, вуҷуд овардан, дар просесси мушоҳидаҳо ва экскурсияҳо кӯшиш кардан лозим, ки, бачаҳо аз муҳити воқеӣ ҳар чӣ бештар маълумот гиранд, чунки боиси, бой

гардонидани захираҳои луғавии онҳо мегардад, хониш бо тарзи таҳлилу таркибӣ овозӣ ёд дода мешавад, дар маркази диққати омӯзгорон бояд инҳо бошанд, инкишоф додани нутқи овозӣ ва талаффузи адабӣ дар кӯдакон, омӯзондани тарзи дуруст ва бошуурона хондани калимаҳо, ҳиҷо ба ҳиҷо хондани калимаҳо, тасаввуроти шогирдонро оид ба табиати ватани худ, оид ба зиндагӣ ва меҳнати мардуми ватани худ аниқтар ва васеътар гардонидан, инкишофи нутқи даҳонии хонандагон, дуруст талаффуз кардани овоз, дар вақти сайру гашт бой гардондани, захираи луғавии онҳо.

6. Фанни «Саводомӯзӣ» (хондан, навиштан) ҳамагӣ – 231 соат, дар як ҳафта 7 соат омӯзонда мешавад:

1) давраи тайёрӣ –14 соат;

2) давраи «Алифбо» – 98 соат;

3) давраи баъди «Алифбо» –119 соат.

7. Алоқаи байни фанҳо:

1) қазақ тілі. Омӯзиши калимаҳо бо забони қазоқӣ. Тарзи навишти ҳарфҳо, мустақилона фикр карданро омӯзондан. Инкишофи нутқ, бой гардонидани таркиби луғавии нутқ, Фарқи байни ҳарфҳо ва имлои онҳо;

2) шиносой бо муҳит. Талабагонро бо муҳити атроф шинос карда истода нутқи даҳонӣ ва хаттии онҳоро инкишоф додан. Маданияти нутқи хонандагонро ташаккул додан. Алоқамандии инсон бо табиати зинда. Аз рӯи расмҳо ташкил кардани сӯҳбат;

3) мусиқа. Инкишоф додани нутқи даҳонии хонандагон дар асоси корҳои эҷодии мусиқа. Бо оҳанг хондани шеър;

4) санъати тасвирӣ. Хангоми кор бо суратҳо таркиби луғавии хонандагонро бой гардонидан. Аз рӯи расмҳо фикрҳо ва ҳиссиёти худро баён кардан. Дуруст доштани қаламро омӯзондан ва сӯҳбат дар бораи рангҳо. Тарбияи эстетикӣ;

5) тарбияи ҷисмонӣ. Њангоми дарс истифода бурдани дақиқаҳои варзиши ҷисмонӣ, ташкил намудани бозиҳои серҳаракат. Инкишофи нутқи даҳонӣ дар дақиқаи дамгирӣ;

6) меҳнат. Хангоми меҳнат кардан ангуштҳои нозуки хонандагонро мустаҳкам намудан. Инкишоф додани нутқи даҳонии эҷодии хонандагон. Бехатарӣ ҳангоми дарс.

## 2. Мазмуни асосии фанни таълим синфи 1

8. Синфи 1. Ҳамагӣ – 231 (дар як ҳафта 7 соат).

9. Давраи тайёрӣ (14 соат):

1) шунидан. Дар вақти суханронӣ ва супоришдодани муаллим (ё ҳамсинфонаш) бо диққат шунида тавонистан. Дар рафти шунидан маълумотро дуруст қабул карда истода, мувофиқи он ҷавоб додан;

2) сухан рондан. Ҳангоми суханронӣ овозҳоро аниқ ва дуруст талаффуз кардан лозим. Маънои калимаҳоро дуруст фаҳмида, истифода бурдан, вобаста ба вазифаи хониш (расмкашӣ, нақлкунӣ, фикррронӣ) нутқи монологиро инкишоф дода, дар ҷои лозимӣ дар бораи падар-модар, хона, дӯстонаш нақл

кардан. Ҳодисаҳои гуногуни мактаб ва ҳаётро бо маданияти суханронӣ (саломдиҳӣ, хайрухўшкунӣ, бахшишпурсӣ) ба низом даровардан;

3) хондан. Тасаввуроти аввалин дар бораи суханронӣ, калима ва ҷумла мебошад. Дар рафти хондан матн аз ҷумла, ҷумла аз калима, калима аз ҳиҷоҳо ва ҳарфҳо иборат буданро фаҳмонидан;

4) маълумоти аввалин дар бораи ҳиҷо. Муайян кардани намудҳои ҳиҷо, ба ҳиҷо ҷудо кардани калима, шумораи ҳиҷоҳо дар калима;

5) маълумот дар бораи овоз ва ҳарф. Ҳиҷоҳо аз ҳарфҳо иборат буданро фаҳмондан, овозҳои ҷарангдор ва беҷарангро фарқ кунондан. Дар вақти овозбарорӣ иштирок намудани аъзоёни нутқбаёнкуниро фаҳмондан, овозҳои садонок ва ҳамсадоро ба гурўҳҳо ҷудо кардан;

6) навиштан. Тайёрӣ ба машқҳои хаттӣ: дар рўи хатҳо зер карда шаклҳои ҳархела, ифодаҳо, хатҳоро тасвир кардан, қаламро аз хат ҷудо накарда навиштан. Ба талабҳои санитарӣ-гигиенӣ риоя кардан (дуруст нишастан, дар рўи парта дафтарро дуруст ҷойгир кардан, қаламро дуруст доштан);

7) инкишофи нутқ. Захираи луғавиро бой кардан: аз рўи расм ба саволҳои кӣ? чӣ? киҳо? чиҳо? чӣ кор кард? барои чӣ? ва ғайраҳо ҷавоб дода, номи ашёро гуфтан, хосияти он ва ҳаракати онро фаҳмонида, маънои калимаро дониста, аз рўи суратҳои сюжетдор ҳикоя кардан. Аз ёд кунонидани шеърҳо, чистонҳо, зарбулмасалҳо.

10. Давраи Алифбо (98 соат):

1) овоз. Ҳарф. Ҳарф – ишораи овоз. Ҳарфҳои калон ва хурд. Шинос кардан бо алифбои забони тоҷикӣ. Ҳарфҳо ва овозҳо бо тартиби зерин: о, а, л, н, м, р, ш, х; ў, у, з, с, и, к, в, д; п, т, г, б, е, ф, ғ, қ, ч; ҷ, э, ӣ, ҳ, й, ё, я, ю, ж, ъ омўзонда, ишораи онҳо шинос кардан;

3) ҷудо кардани овоз ва ҳарфҳо. Аҳамият додан ба талаффузи ҳарфҳо;

4) маълумот дар бораи овоз ва ҳарф. Ҳиҷоҳо аз ҳарфҳо иборат буданро фаҳмондан, овозҳои ҷарангдор ва беҷарангро фарқ кунондан. Дар вақти овозбарорӣ иштирок намудани аъзоёни гуфтугўиро фаҳмондан,овозҳои садонок ва ҳамсадоро ба гурўҳҳо ҷудо кардан;

5) ҳиҷо. Ҷудо кардани овозҳо ба ҳиҷоҳо. Таркиби калима дар ҳиҷо;

6) калима ва ҷумла. Маънои ҷумла. Сохтани ҷумла аз калимаҳо. Дар охири ҷумла гузоштани аломати китобат: нуқта, савол, хитоб;

7) хондан. Бо овоз хондан. Калимаро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда, наканда хондан. Маънои калимаро дар ёд дошта, дуруст хондан. Фикри ифодашудаи ҷумларо бо овоз баён карда тавонистан. Тез хонданро ривоҷ додан. Хомўшона хондан (ривоҷ додани бо «бо чашм хондан»). Маънои матни хондашударо дуруст баён кардан ва ба саволҳо ҷавоб додан;

8) навиштан. Қоидаҳои навиштанро иҷро намудан (танаро дуруст доштан, дуруст нишастан, дуруст доштани қалам, дафтарро дуруст ҷойгир кардан);

9) рўи дафтарро дуруст пур намудан,намудҳои дафтарро фарқ карда тавонистан, ҳарфҳоро ба хатҳои дафтар қатор, дуруст ҷойгир кардан. Элементҳои ҳарфҳоро дуруст навиштан, дуруст пайваст кардан ва ҷудо-ҷудо навиштани калимаҳоро машқ кардан;

10) навиштани ҳарфҳои калон ва хурдро аз худ кунондан, матнҳои хурдро дуруст рӯйбардор карданро инкишоф додан;

11) инкишофи нутқ. Овозҳо ва ҳамсадоҳои ҷуфт: к-г, с-з, т-д, у-ӯ, и-ӣ, б-п, ж-ш ва монанди онҳоро дуруст талаффуз кардан. Калимаҳои забони русиро дар вақти хондан дуруст талаффуз намудан. Барои дуруст ифода кардани фикри худ онҳоро дуруст истифода бурдан. Аз рӯи расмҳо тартиб додани ҷумлаҳо ва ҳикоячаҳо. Аз рӯи тамошои кардашуда ва намунаи додашуда сохтани ҳикоячаҳо ва нақл кардани он. Пурра ба саволҳо ҷавоб доданро ёд додан. Омӯзонидани тартиб додани чистонҳо, ҳикоячаҳо, тезгӯякҳо.

11. Давраи баъди алифбо (119 соат):

1) хондан. Хондани ҳикоячаҳои майда дар мавзӯи Ватан, забони модарӣ, диёр, табиат, оила, меҳнат ва ҳоказо. Маълумотҳо дар бораи жанрҳои бадеӣ (шеърҳо, ҳикояҳо, афсонаҳо, чистонҳо, зарбулмасалҳо ва ғайра);

2) дар нақлҳои хондашуда ҳис кардани зебогӣ, хоксорӣ, инсонӣ. Инкишоф додани қобилияти азхудкунӣ. Бо маҳорат иҷро кардани ролҳои хурд;

3) баёнҳои хурде, ки барои хондан тавсия карда мешаванд: Оқибати бадӣ. Дар айёми кӯдакӣ. Сулҳ. Ҳашар. Паррандаҳо, биёед! Духтари хона. Модари меҳрубони ман. Дастони модар;

4) навиштан. Қоидаҳои навиштанро иҷро намудан (танаро дуруст доштан, дуруст нишастан, дуруст доштани қалам, дафтарро дуруст ҷойгир кардан;

5) элементҳои ҳарфҳоро дуруст навиштан, дуруст пайваст кардан ва ҷудо-ҷудо навиштани калимаҳоро машқ кардан. Ҷумлаҳоро дуруст рӯйбардор карданро инкишоф додан. Хушрӯ, покиза, бехато ва босаводона навиштанро ривоҷ додан;

6) инкишофи нутқ. Бой гардонидани захираи луғавӣ, истифода бурдани калимаҳои нав дар ҷойҳои гуногун, ёд гирифтани тартиб додани ҷумлаҳо. Инкишоф додани намуди диалогии суханронӣ;

7) ҳангоми нақл фикри худро баён кардан, исбот кардан, савол гузоштанро ташаккул додан. Инкишоф додани намуди монологии суханронӣ. Ривоҷ додани фикри мустақилона;

8) дар он нақл кардани ҳодисаҳои дидаи худ, ба он мавзӯъ гузорӣ, ба нақша гирифтан, ба саволҳо ҷавоб додан, ҳикоячаҳои майда тартиб додан;

9) ҳодисаҳои гуногуни мактаб ва ҳаётро бо маданияти суханронӣ (саломдиҳӣ, хайрухӯшкунӣ, бахшишпурсӣ) ба низом даровардан.

12. Грамматика, имло:

1) овоз ва ҳарфҳо. Мустаҳкамкунии дониш доир ба овоз ва ҳарфҳои забони тоҷикӣ. Донистани алифбои забони тоҷикӣ, фарқ кардани овоз ва ҳарфҳо;

2) инкишоф додан ва мустаҳкам кардани дониш доир ба ҳарфҳо ва овозҳои садонок ва ҳамсадо. Фарқи онҳо аз якдигар;

3) имлои ҳарфҳои «и» ва «ӣ»;

4) имлои ҳарфҳои «у» ва «ӯ»;

5) имлои ҳарфҳои е, ё, ю, я, й;

6) ҳиҷо. Маълумот дар бораи ҳиҷо. Аз сатр ба сатр гузаронидани ҳиссаи калима;

7) калима. Мустаҳкамкунӣ ва инкишофи нутқ дар бораи калима. Калима ва вазифаи он. Калимаҳое, ки ба саволҳои кӣ? чӣ? ҷавоб мешаванд. Калимаҳое, ки ба саволҳои киҳо?, чиҳо? ҷавоб мешаванд;

8) калимаҳое, ки бо ҳарфи калон нависта мешаванд;

9) ном ва насаби одамон, номҳои шаҳрҳо, қишлоқҳо, дарёҳо, кӯҳҳо, кӯлҳо ва лақаби ҳайвонҳо;

10) калимаҳое, ки ба саволҳои чӣ кор кард? чӣ шуд? Ҷавоб мешаванд. Калимаҳое, ки ба саволҳои чӣ хел? кадом? ҷавоб мешаванд;

11) калима ва ҷумла. Инкишоф ва мустаҳкам кардани дониш доир ба ҷумла ва калима. Ҳарфи калон дар аввали ҷумла. Аломати китобат дар охири ҷумла. Такрори маводи дониш.

## 3. Талаботи асосӣ ба дараҷаи донишомӯзии хонандагон

13. Натиҷаҳои фаннӣ. Хонандагони синфи 1 дар охири сол бояд донанд:

1) фарқ карда тавонистани ҳарф ва овози он (садонок ва ҳамсадо), классификацияи ҳарфҳо ва таҳлили фонетикии он;

2) шумораи овозҳои дар калима бударо донистан, бо воситаи рангҳо (кабуд-ҳамсадо, сурх-садонок) фарқ карда тавонистан;

3) аз рӯи нақша донистани калима, ҷумла, ҳиҷо, овоз;

4) ба қоидаҳо риоя карда ҳиҷоҳои кушода ва бастаро фарқ кардан, ба кучондани ҳиҷоҳо амал кардан;

5) бо ҳарфи калон навиштани аввали ҷумла, дар охири ҷумла аломатҳои заруриро монда тавонистан (нуқта, савол, аломати хитоб);

6) бо воситаи саволҳо донистани ном ва ҳаракати ашё;

7) ба қоидаҳои аз сатр ба сатр кучондан, калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карданро донистан;

8) талаффуз ва навиштани калимаҳо: аз ҷиҳати лексикӣ истифода бурда мешвад (калима, ибора, ҷумла ва матн);

9) матнҳои хурдро фаҳмида ифоданок хондан;

10) матнҳои хурдро мустақил хонда ҳикоя карда тавонистан (40-50 калима);

11) аз рӯи мазмуни матн ба саволҳои додашуда ҷавоб дода тавонистан;

12) намудҳои гуногуни матнро аз ҷиҳати мазмун ва сохт муайян карда тавонистан;

13) ба матн такя карда истода аз рӯи расмҳо ҷумла сохтан;

14) ба маданияти суханронӣ риоя карда дар сӯҳбат истифода бурдан;

15) ба қоидаҳои гигиенӣ эътибор дода дуруст ва хушрӯ навиштанро ташаккул додан;

16) ба дафтар хошия мондан, ба қоидаи дуруст навиштанро амал кардан;

17) дар давраи алифбо; навистани калимаҳо дар натиҷаи шунидан ва гуфта истодан (3-5 ҷумла);

18) мустақил сӯҳбат кардан, фикри худро озодона баён кардан;

19) суръати хониш дар як дақиқа дар нимсолаи аввал 15-20 калима, нимсолаи дуюм 20-25 калима;

20) баъд аз алифбо 5-6 шеърро аз ёд донистан;

21) воситаҳои бадеии нутқро донистан (муқоиса кардан, ҷумла сохтан);

22) бо роҳи мушоҳида чизҳои омӯхтаашро мустаҳкам кардан, матнҳои хондаашро такрор хондан ва фаҳмидан;

23) таҳлил ва муқоисаро донистан;

24) эҷодиёти даҳонакии халқ: панд ва чистонҳоро донистан;

25) шеърҳо аз ёд донистан;

26) ба муҳити атроф нигоҳ карда истода матнҳои 4-6 ҷумладор сохта тавонистан.

14. Хонандагони синфи 1 дар охири сол бояд аз худ кунанд. Аз рӯи хониш:

1) овоз ва калимаро дуруст талффуз кардан;

2) аз овоз ва харфҳо калимаҳои нав сохта тавонистан;

3) азкалимаҳои додашуда ҷумлаҳо сохта тавонистан;

4) саволи додашударо дуруст фаҳмида ба он ҷавоб гардонидан;

5) матни додашударо хонда, аз рӯи он саволҳо тартиб додан ва ба онҳо ҷавоб гардонидан;

6) мустақилона сӯҳбат кардан ва диалогҳо ташкил кардан;

7) шеърҳо, чистонҳо ва панду насиҳатҳои ҳаҷман хурдро аз ёд донистан;

8) бо овози баланд ва хомушона хонданро;

9) калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда хондан;

10) дар давоми як дақиқа 30-40 калимаро ифоданок хондан;

11) овозро дар як маром дота, матнро ифоданок хондан;

12) аз рӯи мавзӯъ  матни аз 3-5ҷумла иборатро сохтан.

15. Аз рӯи навишт:

1) имлои тарзи навишти китобат, дастӣ ва ҳарфҳои калону хурди алифбои тоҷикиро ва пайвастшавии онҳоро;

2) матни китобиро, ки (10-15 ҷумла ҳар кадомаш аз  3-4 калима иборат буда) бехато кӯчонида навистан;

3) 5-6 калима ва 2-3 ҷумларо шунида навистан;

4) вақти навистан ба баъзе қоидаҳои орфографӣ риоя намудан (аз сатр ба сатр кӯчонӣ, бо ҳарфи калон нависта шудани  ном ва насаби  одамон, шаҳрҳо, дарёҳо, кӯчаҳо, кӯҳҳо, кӯлҳова лақаби ҳайвонҳо) ва онҳоро истифода бурдан.

16. Натиҷаҳои  шахсӣ:

1) донистани гимни давлатӣ ва ҳурмат кардани нишонҳои Ҷумҳурии Қазоқистон (нишон, (парчам, гимн);

2) тарбияи ватандӯстӣ, муҳофизати табиати муҳит ва ҳимояи он;

3) ҳурман намудани забон ва маданияти худ;

4) бурдани тарзи ҳаёти солим;

5) ҷавобгарӣ ба меҳнат ва хондан;

6) ҳурмат кардани калонсолон ва ғамхорӣ дар ҳаққи хурдсолон.

17. Натиҷаҳои ҳаракатҳои пай дар пай:

1) ҳиҷо ва калимаро донистан;

2) аз ҳиҷо калима, аз калима ҷумла сохтан;

3) бо ҳарфи калон нависта шудани ҳарфи аввалини ҷумла, дар охири он гузошта шудани аломатхои китобатӣ;

4) маълумотҳои қабулкардаи худро дуруст фаҳмидан ва дар ҷойҳои зарурӣ аз онҳо истифода кардан;

5) ифоданок хондани матн;

6) дуруст, бехато ва хушхат навистан;

7) фикри даҳонӣ ва хаттии худро пурра ва бе хато баён кардан;

8) бо воситаи қобилияти эҷодии худ фикри худро пурра, аниқ ва ҷамъбаст карда тавонистан.